**Тақриз**

**ба фишурдаи диссертатсияи Раҳмонова Дилрабо Искандаровна дар мавзӯи «Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда дар забони адабии ҳозираи тоҷик дар муқоиса бо забони англисӣ (дар асоси осори насрии С. Айнӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ пешниҳод шудааст.**

Диссертатсияи илмии **Раҳмонова Дилрабо Искандаровна** ба яке аз масъалаҳои муҳими илми забоншиносӣ синтаксис, яъне ба омӯзиши муқоисавии сохтори ҷумлаи мураккаби тобеъи забони тоҷикӣ бо муқоиса бо забони англисӣ бахшида шудааст. Он дар асоси осори насрии адабию бадеии С. Айнӣ, махсусан осори таълифнамудаи Садридин Айнӣ "Ёддоштҳо"ва "Куллиёт" бо забони асл ва тарҷумаи онҳо бо забони англисӣ гирдоварӣ шудааст. Ин асарҳоро соли 1997 аз тарафи Ҷон Перри ва Рашил ба забони англисӣ тарҷума шудаанд.

Дар замони муосир омӯзиш ва таҳлили муқоисавии хусусиятҳои забонии забонҳои мухталиф яке аз масъалаҳои муҳими забоншиносии муосир ба ҳисоб меравад. Бояд гуфт, ки таҳқиқи ҷумлаҳои мураккаб чун як қабати махсуси грамматика, на танҳо дорои аҳаммияти назарӣ, балки дорои аҳаммияти амалӣ низ мебошад. Ҷиҳати назариявию амалии онро ҳам ҷанбаи фарҳангиву маърифатӣ ва ҳам ҷанбаи иҷтимоӣ ташкил медиҳад. Аз ин ли�оз, таҳқиқи муқоисавии ҷумлаи мураккаби тобеъ бо пайрави муйянкунанда дар забони тоҷикӣ ва англисӣ бисёр муҳим ва саривақтӣ мебошад. Дар ин рисолаи илмӣ мо таҳлил ва муқоисаи ҷумлаҳои мураккабро дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мушоҳида кардем. Умуман, забон ба одамон барои он зарур аст, ки фикри худ, хоҳишу ҳиссиёти худро баён намоянд ва инчунин ахбороту маълумот гиранд. Ҳангоми нутқ одамон калимаҳоро ба ҳам муттаҳид мекунанд, ҷумла месозанд ва фикр баён менамоянд. Нахв ин қисми грамматикаи забон аст. Асоси наҳв ҳама вақт ҷумла аст. Иртиботи забон бо ҷараёни тафаккур ва олами руҳиву маънавиёти инсон маҳз дар бахши наҳв

барчаста эҳсос мегардад. Ҷумла воситаи муҳимтарини ифодаи нутқ мебошад. Ҷумла воҳиди шаклан ва мазмунан ба охир расидаи нутқ аст. Вай фикри нисбатан тамомшударо ифода мекунад. Ҷумла ҳозира яку яубора дар ҳамин шаклу сохт ба амал наомадааст. Вай тағйироти зиёдеро аз сар гузаронида, баробари тараққиёти тафаккури ҷамъият инкишоф ва такмил ёфтааст. Чӣ тавре, ки медонем чумлаҳо аз ҷиҳати сохт гуногун мешаванд, содда, мураккаб ва ғ. Таҳқиқи ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар забоншиносии тоҷик бо таълифи китобҳои дарсӣ баробар шурӯъ гардида, то солҳои 60-уми асри XX, асосан, аз рӯйи меъёри анъанавӣ – ҷумлаҳои пайрав қиёсан ба аъзоҳои ҷумлаи сода, омӯхта мешуд. Масъалаи ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда дар сохтори наҳви забони адабии тоҷик яке аз хелҳои сeристеъмолтарини чумлаҳои мураккаб буда, ҳам дар нуқти хаттӣ ва ҳам шифоӣ ба таври фаровон мавриди истеъмол қарор дорад.

Кори диссертатсионии мазкур аввалин таҳқиқоти мушаххас ва фарогири шаклҳои гуногуни воҳидҳои забонӣ ҳамчун наҳви забошиносии қиёсӣ буда, баррасӣ ва натиҷагирии онҳо барои ҳаллу фасли минбаъдаи мавзуъҳои ҳалталаби грамматикаи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Дар рисола ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда, аз ҷониби муаллиф ба таври васеъ таҳқиқ қарор гирифта, ба хонандагон ва забоншиносон дорои аҳаммияти калон ва вижагиҳои он бо далелҳои илмӣ асоснок шудаанд. Муҳаққиқ дар рисола таҳқиқи ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунандаи осори насрии Садриддин Айниро бо назардошти муқоисаи тарҷумаи онҳо дар забони англисӣ маводи асосии таҳқиқ қарор додааст. Ҳамчунин дар рисола тобишҳои маъноӣ муайян шуда, гурӯҳбандии таркиби ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда забони тоҷикӣ ва ҳамгунаҳои онҳо дар забони англисӣ муфассал таҳқиқ шудааст. Таҳқики ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо ҷумлаҳои пайрави муайянкунанда дар забоншиносии тоҷик ҳам аҳаммияти амалӣ дорад ва ҳам назариявӣ. Омӯзиши ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо ҷумлаҳои пайрави муайянкунанда, ки ин ҷумлаҳо таърихи қадима доранд, дар бобати муайян намудани як қатор масъалаҳои марбут ба

таърихи забони адабии тоҷик, бахусус давраҳои алоҳидаи тараққиёти он, ҷанбаҳои он, ки калимаҳои ҳамнисбат, фақат мавқеи наҳвиро ишғол мекунанд ва бе ҷумлаи пайрави эзоҳдиҳанда ифода намешаванд, қолабҳои ҷумласозӣ ва қабатҳои сохтории он аҳаммияти калон пайдо мекунанд. Муайян намудани муносибатҳои маъноӣ ва грамматикии ҷузъҳои таркибии ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо ҷумлаҳои пайрави муайянкунанда дар забонҳои қиёсшаванда имкон фароҳам меорад, ки як қатор хусусиятҳои грамматикии забони адабии ҳозираи тоҷик ва забони англисӣ ошкор шаванд. Рисола аз се боб, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат аст. Ҳар як боби рисола бо хулосаҳои мушаххас ва дақиқ ҳаллу фасл гаштааст.

Натиҷаҳое, ки зимни пажӯҳиши мавзуъ ба даст омадаанд, дорои арзиши илмию амалӣ мебошанд. Қоидаҳо, хулосаҳо ва пешниҳодҳои илмие, ки дар диссертатсия тавсият ёфтаанд, бо методологияи муносибати системавӣ ва консепсияи илмии ташхиси забоншиносӣ асоснок карда шуда, ба методҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқот такя мекунанд. Натиҷаҳои аз та[illegible]қиқот бадастомада дар такмили барномаҳои таълимии муқарраршуда мусоидат менамоянд. Мавзуи мазкур як қисмати нақшаи илмӣ-таҳқиқотии кафедраи забонҳои хориҷии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон мебошад. Доир ба мавзуи рисола 10 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаи илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Вазорати маориф ва илми Федератсияи Русия ба табъ расидааст. Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ–таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ мутобиқат менамояд. Автореферати диссертатсияи Раҳмонова Дилрабо пурмазмун буда мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамояд. Вале бо вуҷуди комёбиҳо, дар фишурда баъзе нуқсонҳо ба назар мерасанд. Дар сохти ҷумла баъзе бетартибиҳо дида шуда, он аз ғалатҳои техникӣ холӣ нест.

Эродҳои номбаршуда арзиши илмии ин корро ҳаргиз коста намесозанд ва онҳоро муаллиф метавонад дар таҳқиқотҳои оянда ислоҳ намояд.

Гуфтан бамаврид аст, ки таҳқиқоти иҷронамудаи Раҳмонова Дилбар дар соҳаи забоншиносӣ ва тарҷума, басо муфид ва саривақт ба шумор меравад.

Ҳамин тарик, автореферати диссертатсияи Раҳмонова Дилрабо Искандаровна дар мавзӯи « Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда дар забони адабии ҳозираи тоҷик дар муқоиса бо забони англисӣ (дар асоси осори насрии С. Айнӣ)» ба талаботи бандхои 31-33 - и Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мебошад.

Тақриздиҳанда:
номзади илми филология
дотсенти кафедраи “Забонҳо ва фанҳои гуманитарӣ”-и филиали Донишгоҳи миллии таҳқиқотӣ технологии “МИСИС” дар шаҳри Душанбе
**Абдуллоева Заррина Фатуллоевна**

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе
734042, к. Назаршоев М.- 7
Телефон: 901400040
Email: zarrina.abdulloeva@mail.ru

“Имзои дотсент Абдуллоева З.Ф. –ро тасдиқ менамоям”
Сардори шӯъбаи кадрҳои филиали
Донишгоҳи миллии таҳқиқотӣ технологии
“МИСиС” дар шаҳри Душанбе
**Зарипова Малика Аҳроровна**

ШӮЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ

06.05.2024